Замимаи _________
ба фармоиши директори
Агентии назорат дар соҳаи
маориф ва илми назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»________соли 2025, №____

# Дастурамали мансабии
# сардори раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб – сардори раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.
2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи якум мансуб аст.
3. Сардори раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (минбаъд – сардори раёсат аз тарафи директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.
4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё муовини соҳавӣ (минбаъд – директор) тобеъ ва  ҳисоботдиҳанда мебошад.
5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сардори раёсат иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба муовини сардори раёсат вогузор карда мешаванд.
6. Сардори раёсат бо роҳбарон ва кормандони воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд –Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм), сохторҳои мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқаррargardida ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

7.Барои мансаби сардори раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;

-8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сардори раёсатро ба танзим медароранд;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- малакаи кор бо компютер (барномаҳои офисӣ, аз қабили Microsoft Word, Microsoft Exel, Microsoft Powr Point) ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

## 3. Уҳдадориҳои мансабии сардори раёсат

8. Бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти гузаронидани аттестатсияи давлатӣ, аккредитатсияи давлатӣ ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва иловагии мақоми маҳаллидоштаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд иштирок намуда аз натиҷаи он тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ ва ё танҳо ба мушовараи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ба тариқи хаттӣ хулоса (маълумотнома) пешниҳод менамояд.

9.Дар рафти санҷиши фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва иловагии мақоми маҳаллидоштаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф бо тартиби муқarrargardida иштирок ва аз натиҷаи санҷишҳо барои бартараф намудани камбудиҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ оид ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва ё бекор кардани қарорҳои муассисаҳои таълимӣ, ки бар хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф қабул карда шудаанд, хулоса (маълумотнома) пешниҳод менамояд.

10.Дар рафти гузаронидани санҷишҳои тестӣ, корҳои хаттӣ, пурсиши шифоҳӣ дар раванди аттестатсияи давлатӣ ва назорати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ иштирок намуда аз натиҷаи он тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ ва ё танҳо ба директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ба тариқи хаттӣ санад (гузориш) пешниҳод менамояд.

11.Иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсияро риоя намуда, дар ҳолати ошкор гардидани амалҳои коррупсионӣ ба директор ва ё роҳбарияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм тариқи хаттӣ ва ё шифоӣ гузориш пешниҳод менамояд.

12.Дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва муассисаҳои таълимӣ, мақомоти давлатии дахлдор (дар мувофиқа ва бо тартиби муқарраргардида) иштирок ва уҳдадориҳои супоридашударо иҷро менамояд.

13.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи раёсат дар якҷоягӣ бо кормандон дар муҳлатҳои муқаррааргардида ҳисобот пешниҳод намояд.

14.Оид ба фаъолияти нимсола ва солонаи худ ва ҳангоми баҳодиҳии фаъолият дар муҳлатҳои муқаррааргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

15.Дар тарғиби соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла тариқи воситаҳои ахбори омма иштирок менамояд.

16.Роҳбарии умумӣ ва назорати фаъолияти кормандони раёсатро амалӣ менамояд.

17.Табели қайди рӯзҳои кории кормандони раёсатро пеш мебарад.

18.Интизоми иҷроияро дар раёсат назорат менамояд.

19.Маводи воридгардидаро ба кормандони раёсат ҷиҳати иҷро месупорад ва рафти иҷрои онҳоро назорат менамояд.

20.Ба кормандони раёсат дар доираи ваколатҳои раёсат супоришҳо медиҳад, иҷрои саривақтии онҳоро назорат ва талаб менамояд.

21.Нақшаи кори нимсолаи (солонаи) кормандонро якҷоя бо муовини сардори раёсат тартиб ва тасдиқ менамояд.

22.Нақшаи чорабиниҳои раёсатро ҷиҳати амалӣ намудани санадҳои қонунгузорӣ дар самти дахлдор таҳия ва тасдиқ менамояд.

23.Нақшаҳои кории раёсатро таҳия ва дар мувофиқа бо директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм тасдиқ намуда, иҷрои онро назорат ва таъмин менамояд.

24.Иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро назорат ва таъмин менамояд.

25.Лоиҳаи дастурамалҳои мансабии кормандони раёсатро таҳия ва якҷо бо сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ, эътироф ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилот дар давлатҳои хориҷӣ ва мувофиқа бо сармутахассис (ҳуқуқшиноси) шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ, эътироф ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилот дар давлатҳои хориҷӣ барои тасдиқ ба директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм пешниҳод менамояд.

26.Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро таҳия намуда санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, дигар муассисаи таълимӣ, мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳодшударо мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони раёсат баррасӣ ва хулосаи раёсатро омода менамояд.

27.Лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони раёсат таҳия менамояд.

28.Шаҳрвандонро қабул намуда, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба самтҳои фаъолияти раёсатро баррасӣ ва натиҷаи онро дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод менамояд.

29.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солона дар муҳлатҳои муқарраргардида, инчунин дар муҳлати на камтар аз се рӯз то гузаронидани баҳодиҳии фаъолият дар бораи нишондиҳандаҳои иҷрои уҳдадориҳои мансабие, ки дар давраи ҳисоботӣ муайян шудаанд, ҳисобот пешниҳод менамояд.

30.Арзёбии рейтинги муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва иловагии мақоми маҳаллидоштаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро ҳар сол холисона ҷамбаст намуда ба мушовараи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм пешниҳод менамояд.

31.Тартиби коркард, истифода, нигоҳдории маводи таълимӣ-илмӣ ва шароити ҷобаҷогузории он дар портали шабакаҳои иттилоотии интернетии муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва иловагии мақоми маҳаллидоштаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро назорат намуда кормандони раёсатро вобаста менамояд.

32.Раванди гузаронидани аттестатсия ва назорати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва иловагии мақоми маҳаллидоштаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва тартиби гирифтани санҷишҳои тестӣ, корҳои хаттӣ ва пурсишҳои шифоҳиро назорат менамояд ва ё кормандони раёсатро вобаста менамояд.

33.Дигар дастурҳои директор ва роҳбарияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илмро иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои сардори раёсат

34.Сардори раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти раёсат дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

- самтҳои фаъолияти раёсатро таҳлил ва оид ба такмили фаъолияти раёсат, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм таклиф пешниҳод намояд;

- маводҳои дар ихтиёри раёсат ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм қарордоштаро омӯзад;

- аз маълумоти дар ихтиёри мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ қарордошта тибқи тартиби муқарраргардида истифода намояд;

- иҷрои масъалаҳои таҳти назорати раёсат қарордоштаро бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор, муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва/ё шахсони мансабдор дархост намояд;

- аз мақомоти дахлдор, муассисаҳои таълимӣ ва илмии дахлдор маълумот ва маводи барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро бо тартиби муқарраргардида дархост карда гирад;

- аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад.

35.Сардори раёсат дар ҳуҷҷатҳо, санадҳо, лоиҳаҳои фармоишҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои баррасӣ ба директор ва роҳбарияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм пешниҳод карда мешаванд, ҳуқуқи имзо карданро доро мебошад.

36.Сардори раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти сардори раёсат

37.Сардори раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабии мазкур пешбинӣ шудаанд;
- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;
- барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;
-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;
- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;
- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

38.Сардори раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда ва дигар ҳолатҳои дар дастурамали мансабии мазкур нишондодашуда тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

39.Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ бо гирифтани имзо баъди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ ба сардори раёсат супорида мешавад.

40.Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти солона, ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва ё Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сардори раёсат мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.